Ба шурои диссертатсионии
6D.КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

### 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳқиқи масъалаҳои марбут бо рушди бахши давлатии хизматрасониҳо, бахусус дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аҳаммияти бештар касб мекунад, зеро ҳадафи асосии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди давлати иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии шоиста ба аҳолӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар бахши муқаддимаи таҳқиқот зимни асоснок намудани мубрамии мавзуъ дуруст қайд менамояд, ки “..ташаккул ва рушди низоми иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд ба қадри кофӣ иқтисодиётро бо мол ва хизматрасониҳои гуногун таъмин намояд ҳам, аммо як қатор масъалаҳои асосии ҳаёти кишвар, пеш аз ҳама, истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳаллу фасл карда наметавонад” (с. 4).

Воқеан, низоми иқтисоди бозорӣ наметавонад ба пуррагӣ ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мусоидат намояд. Маҳз дар бахши давлатии иқтисоди миллӣ истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки соҳаҳои илму маориф, тандурустиву фарҳанг ва ғайраро дар бар мегирад, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Ба андешаи мо, дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии мо зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва технологии рушди бахши давлатии иқтисод дар самти истеҳоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна, ки меҳвари асосии онро омӯзиши тамоюли рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мувофиқ мебошад: 1.1. – Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва умумимиллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.5. – Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.9. – Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.14. – Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.18. – Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.19. – Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар самти такмили механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо доир ба истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дар субъектҳои бахши номбурдаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши муқарраароти назариявӣ моҳият ва сохтори неъматҳои ҷамъиятӣ ҳамчун объекти бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ мушаххас гардонида шудаанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани хусусиятҳои хоси бахши ҷамъиятӣ ва ё давлатии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, ба мазмуни истилоҳи «неъматҳои ҷамъиятӣ» муқаррарот ворид гаштааст. Зимнан муаллиф барои муайян кардан ё ворид шудан ба мазмуни неъматҳои ҷамъиятӣ, таҳлили муқоисавии неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро иҷро намудааст (с. 20), ки аз аҳаммияти илмию амалӣ холӣ нест.

Ҳамчунин таснифи неъматҳои ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим амалӣ карда шудааст, ки воқеан натиҷаи назарраси таҳқиқот ба ҳисоб меравад (с. 30-47).

2. Механизми идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ, бо назардошти сифату хусусияти неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ, ки ба онҳо ҳам танзими давлатӣ ва ҳам танзими бозори хос аст, таҳия гардидааст.

Ҷиҳати мусбати диссертатсия дар ин самт дар он зоҳир мегардад, ки дар боби аввали рисолаи илмӣ муаллиф рушди сохтори институтсионалии

истеҳмолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додааст (с. 48-65)

3. Таносуби истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ байни марказ ва минтақаҳо ва механизми идоракунии рушди он пешниҳод ва арзёбӣ шудаанд.

Дар диссертатсия, пеш аз ҳама, ҳолати таъминоти молиявии истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки аз тарафи давлат ба иҷро мерасад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаст. Қайд карда шудааст, ки дар мамлакат пайваста бо ғанӣ гаштани даромади буҷети давлатӣ фаъолгардии равандҳои самти иҷтимоӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ мушоҳида мешавад. Диссертант барои муаяйн намудани ҷойгоҳи вилояти Суғд дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии мамлакат методи фосиларо истифода бурдааст (с. 67-79).

Дар диссертатсия омадааст, ки ба сатҳу сифати идораи бахши давлатии иқтисодиёт дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ омилҳои гуногуни ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва миллӣ-фарҳангӣ таъсир мегузоранд. Аз ин лиҳоз муаллиф дар диссертатсия таҳлил ва баррасии омилҳои мазкурро барои таҳияи стратегияҳо ва амалӣ кардани иҷроиши вазифаҳои идоракунии бахши давлатӣ муҳим донистааст (с. 100-116).

4. Таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ ва арзёбии самаранокии таъсиррасонии суръати афзоиши хароҷоти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ба афзоиши МММ-и вилояти Суғд амалӣ гардонида шудааст.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба соҳаи иқтисодиёт дохил мешаванд ва барои истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти милливу минтақавӣ иштирок менамоянд. Бо мақсади муайян кардани мавқеи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба афзоиши МММ-и Суғд муаллиф таҳлилии коррелятсиони регреесионӣ анҷом додааст, яъне вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғдро аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян намудааст (с. 98-100). Аз натиҷаи тавсифҳои оморӣ маълум мегардад, ки модели регрессионии

таҳиягардида эътимоднок буда, барои истифодабарӣ мувофиқи мақсад мебошад.

5. Тавсияҳои методӣ оид ба такмил додани низоми идоракунӣ барои муносиб гардонидани хароҷоти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, идоракунии сифати неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолот дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғди ҷумҳурӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

Дар диссертатсия дар мавриди такмили низоми идоракунии самараноки таъмини хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ба нақши гиреҳии низоми ташкилӣ, ки маҷмӯи қоидаҳо, қонунҳо ва расмияти танзимкунанда, ҳамкорӣ ва рафтори иштирокдорони бахши иҷтимоӣ, инчунин маҷмӯи тартиботи қабули қарорҳои идориро дарбар мегирад, таваҷҷӯҳ дода шудааст. Дар такмили ин самт тавсияҳои амалӣ асоснок карда шудаанд (с. 117-129).

6. Самтҳои асосии стратегии низоми идоракунии бахши давлатии вилояти Суғд дар самти истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат ва минтақаҳои он таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Дар диссертатсия оид ба такмили фаъолияти ташкилотҳои бахши давлатӣ амалинамоии чунин тадбирҳо пешбинӣ шудаанд: самти стратегии ташкилот таҳия ва истифодаи низоми дақиқи идоракунӣ; истифодаи амалии лоиҳакашӣ-барномавӣ дар фаъолияти онҳо; баланд бардоштани фаъолияти бахши давлатӣ дар самтҳои сифат ва дастрасии хизматрасониҳои муҳимми иҷтимоӣ; дар асоси низоми мукаммали идоракунӣ ташаккули сохтори эҳтиёҷоти аҳолӣ ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ; дар сатҳҳои гуногуни ташкилотҳои давлатӣ такмилдиҳии истифодаи захираҳои идоракунӣ; истифодаи равишҳои нави идоракунии фаъолият ки ба фармоишгар (мизоҷ) нигаронида шудааст; дар сатҳи зарурӣ таъмини сохторҳои идоракунӣ (с. 130-138).

Дар рисола ҳамчунин вобаста ба фаъол гардонидани самтҳои самараноки шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ташаккули нақшаҳои

минтақавии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ, ки ба таҳияи барномаҳои таҳсилоти касбӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишӣ-конструкторӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои онҳо равона карда шудаанд, пешниҳодоти амалӣ коркард шудааст, ки аҳаммияти амалиро дорост (с. 138-140).

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Бояд қайд кард, ки мақсади таҳқиқот аз омӯзиши асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таҳлили ҳолат ва тамоюлҳои тағйирёбии он, таҳияи муқарраротӣ методологӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки рушди минбаъдаи низоми идоракунии амалкунандаи бахши мазкурро дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ таъмин мекунанд.

Барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, муалллифи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии тақризшаванда барои мушаххас намудан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи иқтисодиёти бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро

барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллифро дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ҳамчунин дар таҳияи курсҳои махсуси идоракунии бахши иҷтимоӣ истифода намудан мумкин аст.

Усулҳо ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсияро дар фаъолияти Мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ нигаронида шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 мақола дар алоҳидагӣ) ва 7 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, дар диссертатсия омӯзиши асосҳои илмию назариявии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври кифоя анҷом дода нашудааст. Сатҳи сифати диссертатсия боз ҳам баландтар мегашт, агар муаллиф хизматрасониҳои иҷтимоиро аз руйи нишонаҳои гуногун тасниф менамуд ва асоснок мекард.
2. Дар диссертатсия ба таври пурра асоснок нагардидааст, ки чаро маҳз он намуди хизматрасониҳое, ки муаллиф мавриди таҳлили қарор додааст, ҳамчун “неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ” шуморида шудаанд.
3. Дар бахши таҳлилии диссертатсия муаллиф омилҳои ба қисмати даромади буҷет таъсиррасонро муайян намудааст, вале омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, ошкор нагардидаанд.
4. Дар диссертатсия дар асоси таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, вобастагии суръати афзоиши МММ-и вилояти Суғд аз омилҳои таъсиррасони суръати афзоиши хароҷоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ муайян карда шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки ин модел танҳо ба далели дар диссертатсия мавҷуд будани ҳисобҳои риёзӣ амалӣ карда шудааст. Беҳтар мебуд агар муаллиф ягон модели оптимизатсионии рушди хизматрасониҳои иҷтимоиро дар шароити муосир пешниҳод менамуд.
5. Дар зербоби 2-юми боби сеюми диссертатсия самтҳои стратегии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт ба таври зарурӣ асоснок нагардидаанд. Ҳамчунин пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ ба таври электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ва Ҳукумати электронӣ низ бояд мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор мегирифт.
6. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) кори илмию тахассусии байтмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба илм ва
робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шаропов Ф.Р.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: + 992 93-577-79-00
e-mail: sharopov.farkhod@gmail.com

*Имзои д.и.и., профессор Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.